Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР

Дар бораи тасдиқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо иҷрои саривақтӣ ва пурраи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2010-2011 таъмин намоянд.

3) Ҷараёни иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011 ҳар нимсола дар ҷаласаҳои ҷамъбасгии вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо баррасӣ гардида, натиҷаҳои он барои ҷамъбаст ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

4) Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои Барномаи мазкур ҳар нимсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **Эмомалӣ Раҳмон**

аз 30 декабри соли 2009 № 692
ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 декабри
соли 2009 № 692
тасдиқ шудааст

Барномаи
мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2010-2011

Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011 (минбаъд-Барнома) дар асоси моддаи 18 Қонуни конституцсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", Нақшаи миллии татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2012 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006 №391), Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007 №704) таҳия гардидааст.

Барнома – барномаи татбиқи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ буда, давраи татбиқи он ба замоне рост меояд, ки таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ дар бозори меҳнати кишвар боқӣ мемонад. Ҳамин тавр, ин Барнома – барномаи зиддибӯҳронӣ буда, барои бо қадри имкон паст намудани шиддатнокии бозори меҳнат равона мегардад.

Барнома чорабиниҳоро оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, миёнаравӣ дар бозори меҳнат, амалисозии барномаҳои мутобиқнамоии захираҳои меҳнатӣ ба талаботи бозори меҳнат, мусоидат ба худиштиғолии аҳолии бекор, рушди корҳои хонагӣ, таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ва дастгирии шахсони дар бозори меҳнат осебпазир ҳамчун омилҳои муҳими таъмини сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолиро дар бар мегирад. Тадбирҳои Барнома барои ҳарчи пасттар намудани таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба бозори меҳнати кишвар ва сатҳи шуғлнокии аҳолӣ тавассути интихоби самтҳои афзалиятнок равона карда мешавад.

Барнома дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои минтақавию соҳавии бозори меҳнат ва шуғлнокии аҳолӣ, инчунин сифати қувваҳои кории кишвар таҳия гардида, натиҷаи ҷамъбасти барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолии маҳаллӣ мебошад, ки аз тарафи маҷлисхои маҳаллии вакилони халқ тасдиқ гардидаанд.

1. Вазъи шуғли аҳолӣ ва мушкилоти мавҷуда

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои бойи меҳнати боқӣ мемонад. Тайи солҳои 2001-2008 захираҳои меҳнатии кишвар бо суръати миёнаи ҳарсолаи 3,9 фоиз афзоиш меёбад, ки ин нишондиҳанда дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баландтарин мебошад. Мутобиқи таҳлилҳои пешакӣ чунин суръати афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар солҳои 2010-2011 низ идома меёбад. Сатҳи шуғлнокии аҳолӣ (ҳиссаи шуғлнокон дар теъдоди умумии захираҳои меҳнатӣ) бошад, тайи 8 соли охири баррасишаванда 5,1 фоиз кам гашта, дар соли 2008 то 50,3 фоиз расид. Масалан, ин нишондиҳандаи муҳими бозори меҳнат дар аввали солҳои 2006, 2007 ва 2008 мувофиқан 52,8, 51,5 ва 50,3 фоизро ташкил намуд, ки аз мунтазам камшавии он шаҳодат медиҳад. Динамикаи ин раванд дар диаграммаи 1 оварда мешавад:

Диаграммаи 1 оварда намешавад.

Агар теъдоди баландшавии солонаи миёнаи шуғлнокон тайи солҳои 2001-2008 бо суръати миёнаи солонаи 2,8 фоиз афзоиш ёфта бошад, ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 2006-2008 тақрибан 0,88 фоизро ташкил намуд, ки 3,2 маротиба аз нишондиҳандаи миёнаи 8 соли охир кам мебошад.

Феълан, омори расмии сатҳи бекорӣ, ки тавассути бақайдгирии расмии бекорон дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳисоб карда мешавад, вазъи воқеии бозори меҳнатро ифода наменамояд. Масалан, мутобиқи маълумоти фаврии омори давлатӣ шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол (аҳолии машғули кор ва бекорони расман ба қайд гирифташуда) аз рӯи бақои пешакӣ дар моҳи июни соли 2009-ум 2092,8 ҳазор нафарро ташкил дод. Аз ҷумлаи онҳо 2048,3 ҳазор нафар (97,9 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғул буда, 44,5 ҳазор нафар шаҳрвандон расман мақоми бекорӣ гирифтаанд, ки аз сатҳи 2,1 фоизаи бекории расмӣ шаҳодат медиҳад. Ин нишондиҳанда тайи солҳои 2001-2008 ба ҳисоби миёна ҳамасола 2,2 фоизро ташкил медиҳад. Вале, мутобиқи Таҳқиқоти қувваҳои корӣ дар Тоҷикистон(1) ва Таҳқиқоти сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон(2), ки мутобиқан солҳои 2004 ва 2007 аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ гузаронида шудаанд, сатҳи бекорӣ 7,4 ва 9,5 фоизро ташкил медиҳад, ки аз нишондиҳандаҳои расмӣ мувофиқан 3,8 ва 3,6 маротиба зиёд мебошад. Новобаста аз ин, теъдоди бекорони расман дар қайд буда соли 2008 дар муқоиса ба соли 1993 ба андозаи 7,6 маротиба афзудааст.

---

1 Маърӯзаи таҳлилӣ оид ба гузаронидани тадқиқоти қувваи корӣ дар Тоҷикистон (июл-августи 2004с).- Душанбе,

Нашри Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон.-2005.-63с.

2 World Bank estimates using TLLS 2007 data.

Бояд қайд намуд, ки шумораи кироякорон низ сол аз сол кам мегардад ва давоми солҳои 2001-2007 ин нишондиҳанда ба андозаи 17,3 ҳазор нафар коҳиш ёфтааст. Масалан, дар моҳи июни соли 2009 аз шумораи умумии аҳолии машғули кор, шумораи рӯйхатии кироякорон дар корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият 1035,3 ҳазор нафар, ё 50,5 фоизи шумораи умумии аҳолии машғулро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2008 ба андозаи 0,3 фоиз кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар саноат ба андозаи 6,2 ҳазор, кишоварзӣ 8,3 ҳазор, алоқа 1,3 ҳазор, савдо ва хӯроки умумӣ 0,2 ҳазор нафар коҳиш ёфтааст.

Баръакс, дар муқоиса ба нимсолаи аввали соли 2008 шумораи кормандони кироя дар сохтмон 0,9 ҳазор нафар, маориф 5,6 ҳазор, тандурустӣ, варзиш ва таъминоти иҷтимоӣ 2,5 ҳазор, қарзгузорӣ, суғурта ва таъминоти нафақа 0,3 ҳазор ва мақомоти идоракунӣ 1,7 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст.

Дар натиҷаи чунин вазъият дар бозори меҳнат теъдоди шаҳрвандони ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ барои ҷустуҷӯи кор муроҷиаткарда дар аввали соли 2008 нисбат ба ҳамин давраи соли 2001 қариб 2 маротиба афзуда, аз 33,1 ҳазор то 60,5 ҳазор нафар расидааст.

Ба ҳолати 1 июли соли 2009 ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 50,7 ҳазор нафар корҷӯён муроҷиат намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3 фоиз зиёд аст.

Мувофиқи таҳлилҳо ҳар сол ба ҳисоби миёна 46,3 ҳазор нафар шаҳрвандон дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор ба қайд гирифта мешаванд ва ба ҳолати 1 июли соли 2009 шумораи шаҳрвандони бекори расман ба қайд гирифташуда тақрибан 44,5 ҳазор нафарро ташкил дод.

Аз ин теъдод занон 24,8 ҳазор нафар (55,7 фоиз) ва ҷавонони синни 15-29 сола 23,6 ҳазор нафарро (53,0 фоиз) ташкил доданд.

Бояд эътироф намуд, ки солҳои охир фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар самти иҷрои вазифаи асосӣбокортаъминкунии аҳолӣ сифатан беҳтар мегардад. Дар ин ҷода яке аз индикаторҳои самаранокии фаъолият ин ҳиссаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар теъдоди умумии бо кор таъминшудагон мебошад.

Динамикаи ин раванд дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1 (нафар)

	2000	2001	2002	2003	2004	2005	2006	2007
Ҳамагӣ ба кор қабул шудаанд	123484	133525	103731	117636	77527	75769	54446	46440
Аз ҷумла, тавассути МДША	16273	17848	19307	21242	22019	24562	23725	24562
Ҳиссаи МДША	0,13	0,13	0,19	0,18	0,28	0,30	0,44	0,53

Манбаъ(3)

Динамикаи ин раванд нишон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муддати солҳои 2000-2007 беш аз 4

3 Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ).- Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009.- 281 с.

маротиба афзуда, соли 2007 зиёда аз нисфи бо кор таъминшудагон натиҷаи фаъолияти ин мақомоти давлатӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки яке аз проблемаҳои ҳалталаби барои бокортаъминкунии бекорон монеъшаванда - ин надоштани ихтисос мебошад. Динамикаи ин нишондиҳанда дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

Диаграммаи 2 оварда намешавад.

Тавре аз нишондиҳандаҳои диаграмма бармеояд, солҳои охир беш аз 80 фоизи бекорони расмӣ беихтисос буда, масъалаи бо кор таъминкунии онҳо ба масъалаи таълими касбиашон қаробати бевосита дорад. Яке аз омилҳои ба пайдоиши ин вазъият мусоидаткунанда бошад, имконияти маҳдуди қабули муассисаҳои таълимии касбӣ аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамасола 80-90 ҳазор нафар ҷавонон бо чунин муассисаҳо фаро гирифта нашуда, ба бозори меҳнат беихтисос ворид мегарданд.

Агар ҳиссаи ба таҳсилоти умумӣ ҷалб нашудагонро ба назар гирем, ин рақам боз 12-15 ҳазор нафар зиёд мегардад. Динамикаи ин нишондиҳанда дар диаграммаи 3 оварда шудааст.

Диаграммаи 3 оварда намешавад.

Илова ба ин, муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун яке аз самтҳои бо кор таъмин гаштани аҳолӣ дар намуди шуғли беруна, ки дар натиҷаи имкониятҳои маҳдуди бозори меҳнати дохилӣ пайдо гаштааст, дастгирии давлатиро ақалан дар самти мутобиқгардонии касбӣ, ҳуқуқию забонии муҳоҷирон таҳозо менамояд. Моҳияти муҳоҷирати меҳнатӣ чи дар таъмини шуғли аҳолӣ ва чи дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар ба ҳеҷ кас пӯшида нест. Махсусан аввалиндараҷа будани дастгирии муҳоҷирон дар давраи бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба чашм аён мегардад.

Бинобар ин, масъалаи таълими касбии калонсолон ба яке аз тадбирҳои хеле муҳими сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ табдил меёбад. Вале мутаассифона, заминаҳои таълимии муассисаҳои таълими калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар ҳолати харобӣ қарор дошта, дар натиҷа татбиқи барномаҳои мутобиқгардонии касбии бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба талаботи бозори меҳнат бидуни сифати кофӣ сурат мегирад.

Дар ҳамин радиф, масъалаи рушди минбаъдаи заминаи таълимӣ ва шабакаи чунин муассисаҳо дар маҳалҳо ҳамчун яке аз самтҳои муҳиму аввалиндараҷаи ин Барнома муқаррар мегардад.

Маълум аст, ки яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва вазифаҳои асосии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ – ин таъмини миёнаравӣ дар бозори меҳнат мебошад, ки сараввал аз ҷамъоварии маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ ибтидо мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир ҳамагӣ 3 фоизи кордиҳандагон ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ чунин маълумотро пешниҳод менамоянд, ки аз сатҳи пасти ҳамкории онҳо бо мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, бо мақсади таҳкими ҷараёни танзими масъалаҳои бозори меҳнат дар маҳалҳо ва дар доираи барномаи зиддибӯҳронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009 №129 кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ таъсис дода шуданд, ки ба ҳайати онҳо намояндагони мақомоти давлатӣ, кордиҳандагон ва иттифоқҳои касаба шомил мебошанд.

Минбаъд дар доираи татбиқи ин Барнома масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи фаъолияти ин кумитаҳо дар назар аст.

Бояд зикр намуд, ки барои самарабахш ба роҳ мондани фаъолияти миёнаравӣ дар бозори меҳнат истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ хеле қулай аст. Мутаассифона, то ҳол ин намуди хизматрасонӣ бо сабаби танқисии молиявӣ дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ

нашудааст, ки боиси маҳдудияти иттилоотонии аҳолии корҷӯй оид ба ҷойҳои кории холии мавҷуда мегардад. Илова ба ин, барои таъмини шаффофият ва арзёбии дастовардҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ масъалаи ташаккули маҳзани маълумот барои ҳар як самти чорабиниҳои Барнома ва таҳияю татбиқи нишондиҳандаҳои (индикаторҳои) самаранокии фаъолият тақозои вақт гардидааст.

Проблемаи дигари ниҳоят муҳими танзими давлатии бозори меҳнат ба сифати таъсиси ҷойҳои корӣ тааллуқ дорад. Тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, новобаста аз таъсиси ҳарсолаи беш аз 100 ҳазор ҷойҳои корӣ сатҳи шуғлнокӣ ба таври кофӣ тағйир намеёбад. Новобаста аз таъсиси чунин миқдор ҷойҳои корӣ дар се соли охир теъдоди шуғлнокон ҳамагӣ бо суръати миёнаи солонаи 0,88 фоиз, ё бо теъдоди миёнаи солонаи 18,7 ҳазор нафар зиёд мешаваду халос. Ин масъала ва дигар масьалаҳои танзими бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ гузаронидани тадқиқотҳои мунтазами қувваҳои корӣ ва ҷойҳои кори таъсисшавандаро тақозо менамояд.

Дар шароити имкониятҳои маҳдуди иқтисодиёти кишвар масъалаҳои оқилона ҷойгир намудани қувваҳои корӣ дар бозори дохилии меҳнат ва дастгирии ташаббусҳои бекорон дар соҳибкории хурду миёна ба мадди аввал мебароянд. Дар ин раванд фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷиҳати дастгирии ташаббуси соҳибкории бекорон тавассути додани қарзҳои хурди имтиёзнок, таҳия ва татбиқи механизмҳои нисбатан шаффофу босамарро низ тақозо менамояд.

2. Пешгӯии бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар солҳои 2010-2011

Дар солҳои 2010-2011 афзоиши шумораи аҳолӣ ҳар сол тибқи пешгӯиҳо 2,1-2,5 фоизро ташкил медиҳад, ки ба ташаккули бозори меҳнат таъсири бевосита мерасонад. Тибқи пешгӯиҳо шумораи аҳолӣ дар соли 2011 нисбат ба соли 2009-ум ба теъдоди 302,2 ҳазор нафар зиёд мешавад ва дар ин ҳолат шумораи захираҳои меҳнатӣ 236,6 ҳазор нафар, аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 164,2 ҳазор нафар, ё ки 7,3 фоиз меафзоянд.

Дар солҳои 2010-2011 ба бозори меҳнат аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои олӣ 56,2 ҳазор нафар, мактабҳои миёнаи махсус 25,8 ҳазор нафар, омӯзишгоҳҳои касбии техникӣ 35,3 ҳазор нафар, мактабҳои миёнаи умумӣ 301,2 ҳазор нафар, хатмкунандагони мактабҳои миёнаи асосӣ 149,4 ҳазор нафар, хизматчиёни ҳарбие, ки хизматро дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ адо намуданд, 20,2 ҳазор нафар, кормандони ихтисоргардида 10,9 ҳазор нафар, шахсони аз маҳбас озодшуда 3,0 ҳазор нафар ва

инчунин аз ҳисоби ашхоси бешуғли аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол 3245,4 ҳазор нафар ворид мегарданд.

Илова бар ин, дар давоми ду сол ба ҳисоби миёна 360,0 ҳазор нафар (ҳар сол 180,0 ҳазор нафар) ашхоси ба синни 15-солагӣ расида, ба бозори меҳнат дохил мешаванд.

Дар назар аст, ки таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба бозори меҳнат ва шуғли аҳолии кишвар боқӣ мемонад. Махсусан, имконияти ихтисори ҷойҳои корӣ нисбатан зиёдтар мегардад, зеро соли 2009 корхонаҳо асосан кормандонро ба рухсатии бемӯҳлат равон намуда буданд. Таъсиси ҷойҳои кории босамар низ мушкил мегардад.

Дар давоми солҳои 2010-2011 мувофиқи Барномаи мазкур зиёда аз 261,2 ҳазор нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл фаро гирифта мешаванд. Тавассути мусоидати бевоситаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ зиёда аз 85,7 ҳазор нафар ба шуғл фаро гирифта мешаванд. Аз ин шумора 60,2 ҳазор нафар дар корхонаю ташкилотҳо бо кор таъмин гардида, 17,4 ҳазор нафар шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ ва бозомӯзӣ ва 8,7 ҳазор нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар назар аст, ки тайи солҳои 2010-2011 аз тарафи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳоли" ба зиёда аз 676,7 ҳазор нафар шаҳрвандон хизматҳои гуногун расонида мешавад.

Тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат дар замимаи 1 оварда шудааст.

3. Вазифаҳои асосӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар солҳои 2010-2011

Ҳадафи асосии Барнома аз татбиқи сиёсати давлатӣ ҷиҳати таъмини кафолатҳои конституцсионии ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, мусоидат ба шуғли аҳолӣ, дастгирии гурӯҳи шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯи кор душворӣ мекашанд ва дар бозори меҳнат рақобат карда наметавонанд, инчунин коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва мӯътадил гардонидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ иборат мебошад.

Сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар солҳои 2010-2011 асосан барои паст намудани таъсири бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ба бозори меҳнат ва шуғли аҳолии кишвар, мусоидат ба таъсиси ҷойҳои корӣ, амалӣ намудани сиёсати фаъол дар бозори меҳнат ва таъмини кафолати давлатӣ ҳангоми бекорӣ равона карда мешавад.

Аз ин хотир, чунин вазифаҳои асосии сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар давраи солҳои 2010-2011 муқаррар мегарданд:

мусоидат намудан ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷуда;

мусоидат ба бокортаъминкунии шаҳрвандони корҷӯ ва бекор аз ҳисоби ҷойҳои кори холӣ дар иншоотҳои дорои аҳамияти муҳимми давлатӣ, аз қабили: нерӯгоҳҳои барқӣ-обии "Сангтӯда-2", "Роғун", "Зарафшон", нақби "Шаҳристон", таҷдиди роҳи автомобилгарди Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанок, Нуробод-Нимич, меҳмонхонаҳо, сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ва дигар иншооту корхонаҳои бунёдшаванда;

фароҳам овардани шароити мусоид барои инкишофи шаклҳои гуногуни шуғл;

баланд бардоштани сифати омӯзиши касбии бекорон ва бокортаъминкунии онҳо;

такмили фаъолият ва услубҳои кори мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо;

ҷорӣ намудани усулҳои омӯзиш, таҳқиқот ва мониторинги нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо ва дар сатҳи ҷумҳуриявӣ;

таъмини ҳамоҳангсозии чорабиниҳои сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо ҷараёни татбиқи Стратегияи паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ:

- васеъ ва мустаҳкам намудани имкониятҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷиҳати таъмини миёнаравӣ дар бозори меҳнат;
- мусоидат ба шуғли занон, ҷавонон ва қисми аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир;
- сифатан беҳтар намудани корҳои роҳнамоии касбӣ ва татбиқи барномаҳои таълимии мутобиқгардонии касбии бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба бозори меҳнати дохилию хориҷӣ;
- мусоидат ба таъмини худиштиғолии бекорон ва рушди корҳои хонагӣ;
- таҳия ва татбиқи механизми нави ташкили корҳои ҷамъиятии музднок;
- таъмини пардохти саривактии кӯмакпулӣ барои бекорӣ;
- компютеркунонии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, ба роҳ мондани омӯзиш, тадқиқот ва мониторинги мунтазами бозори меҳнат, ташаккули маҳзани маълумоти нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ.

4. Чорабиниҳои асосии таъмини шуғли аҳолӣ

4.1) Таъсиси ҷойҳои нави корӣ

Дар солҳои 2010-2011 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 238,4 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода мешаванд, аз ҷумла:

- дар корхонаю ташкилотхои бахши давлатӣ - 30,6 ҳазор ҷой;
- дар корхонаю ташкилотҳои бахши коллективӣ - 19,7 ҳазор ҷой;
- дар корхонаю ташкилотҳои шаклҳои гуногуни моликият - 35,9 ҳазор ҷой;
- дар корхонаю ташкилотҳои бахши хусусӣ - 152,2 ҳазор ҷой.

Дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат - 27,7 ҳазор ҷой, сохтмон - 50,2 ҳазор ҷой, кишоварзӣ - 35,8 ҳазор ҷой, нақлиёт ва алоқа 8,6 ҳазор ҷой, савдо ва хизмати маишӣ 74,4 ҳазор ҷой, дигар соҳаҳо 26,1 ҳазор ҷой ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 15,6 ҳазор ҷой;

Таъсиси ҷойҳои корӣ дар миқёси минтақаҳо дар ин солҳо чунин пешбинӣ мегардад:

- вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 16,0 ҳазор ҷой;
- вилояти Хатлон - 72,3 ҳазор ҷой;
- вилояти Суғд - 69,0 ҳазор ҷой;
- шаҳри Душанбе - 41,2 ҳазор ҷой;
- шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 39,9 ҳазор ҷой.

Сохтори соҳавӣ, ташкилӣ ва минтақавии таъсиси ҷойҳои корӣ дар замимаҳои 2 ва 3 оварда шудаанд.

4.2) Миёнаравӣ дар бозори меҳнат

Миёнаравӣ дар бозори меҳнат вазифаи асосии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда, ҳадафи асосии он бо кор таъмин намудани шахсони бекор ва корҷӯй мебошад. Иҷрои ин вазифа дар навбати аввал ҷамъоварии ҳарчи бештари маълумотро доир ба ҷойҳои кори холӣ тақозо менамояд ва сипас ин маълумот ба бекорону корҷӯён пешниҳод мегардад.

Бо дарназардошти он, ки имкониятҳои имрӯзаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҷиҳати ҷамъоварӣ ва паҳн намудани чунин маълумот миёни эҳтиёҷмандон хеле маҳдуданд, дар доираи ин Барнома тадбирҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

- баланд бардоштани сатҳи масъулиятнокии кордиҳандагон ҷиҳати иҷрои моддаи 19 Қонун "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2009 №205 "Дар бораи ба мақомоти шуғли аҳолӣ пешниҳод намудани маълумот оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда" тавассути Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва тақвият бахшидани фаъолияти комитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ;

- мунтазам гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ дар маҳалҳо;
- ташкил намудани махзани ҷумҳуриявӣ ва минтақавии ҷойҳои кори холӣ;
- тақвият бахшидани механизми бандкунии ҷойҳои корӣ барои аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир;
- дастгирии ташаккули системаи агентиҳои кадрӣ ва ҳафтаномаю маҷаллаҳо оид ба бозори меҳнат.

Дар назар аст, ки солҳои 2010-2011 аз ҷониби корфармоён новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ зиёда аз 48,8 ҳазор ҷойҳои кории холӣ (вакансия) пешниҳод мегардад ва тавассути роҳхатҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ҳар сол беш аз 24,0 ҳазор нафар бекорон, аз ҷумла 14,2 ҳазор нафар занон бо шуғли доимӣ фаро гирифта мешаванд.

Мусоидат ба шуғли аҳолии дар бозори меҳнат осебпазир

Масъалаи бо кор таъмин намудани шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷи махсус доранд, аз ҷумла падару модарони танҳо ва серфарзанде, ки фарзандони ноболиғи маъюбро тарбия мекунанд, шахсоне, ки аз маҳбас озод шудаанд, маъюбони гурӯҳи 3, шахсоне, ки аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбӣ аз хизмати ҳарбӣ озод шудаанд, шахсоне, ки аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд, хеле муҳим буда, чорабиниҳои махсус ва имтиёзҳои иловагии зерин барои ин ашхос амалӣ мешаванд:

- бандкунии ҷойҳои махсуси корӣ (квота);
- фарогирӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- мусоидат намудан бо роҳи таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои мақсадноки мусоидат ба шуғл, ташкил намудани ҷойҳои кори иловагӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна (аз ҷумла, тавассути ташкилотҳо барои ҷалби меҳнати маъюбон, рушди корҳои хонагӣ);

- хизматрасонии тавонбахшӣ тавассути роҳнамоии касбӣ.

Татбиқи чорабиниҳои мазкур имконият медиҳанд, ки дар давоми солҳои 2010-2011 4,6 ҳазор нафар шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷи махсус доранд, бо ҷойи кор таъмин карда шаванд.

Мусоидат ба шуғли ҷавонон

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2009 №372 "Дар бораи тасдиқи Барномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" барои солҳои 2010-2012" ҷиҳати таъмини шуғли ҷавонон тадбирҳои зерин татбиқ мешаванд:

- мусоидат намудан дар таъмини ҷавонон бо ҷои кори доимӣ аз ҳисоби ҷойҳои кори холии мавҷуда (28,7 ҳазор нафар);
- гузаронидани корҳои машваратию маслиҳатӣ оид ба роҳнамоии касбӣ (20,5 ҳазор нафар);
- фарогирӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат (15,4 ҳазор нафар);
- дастгирии ташаббусҳои ҷавонон дар ташкили фаъолияти фардию меҳнатӣ ва соҳибкорӣ, ташкили бизнес инкубаторхо (3,2 ҳазор нафар);
- васеъ намудани доираи фаъолияти марказҳои иҷтимоӣ - соҳибкорӣ;
- ҷалб намудани ҷавонон ба корҳои ҷамъиятии музднок (9,8 ҳазор нафар);
- ташкили барномаҳои махсус тавассути расонаҳои хабарӣ.

Ҳамагӣ мувофиқи Барнома 51,8 ҳазор нафар ҷавонон ба шаклҳои гуногуни шуғл фаро гирифта мешаванд.

Мусоидат ба шуғли занон

Бо мақсади иҷрои Барномаи давлатии "Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010" барои ба шуғл ҷалб намудани занон чунин чорабинихо пешбинӣ мешаванд:

- мусоидат намудан дар таъмини занон бо ҷои кори доимӣ аз ҳисоби ҷойҳои кори холии мавҷуда (24,8 ҳазор нафар);
- гузаронидани корҳои машваратию маслиҳатӣ оид ба роҳнамоии касбӣ (7,4 ҳазор нафар);
- фарогирӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ аз рӯи ихтисосҳои ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат (13,6 ҳазор нафар);
- дастгирии ташаббусҳои занон дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва худиштиғолӣ (3,5 ҳазор нафар);
- ҷалб намудани занон ба корҳои ҷамъиятии музднок дар самти ободонию кабудизоркунӣ (12,8 ҳазор нафар);
- бокортаъминкунии занону духтароне, ки қурбони хушунат ва зӯроварӣ гардидаанд;

– ба роҳ мондани фаъолияти иттилоотӣ ва тарбияи ҳуқуқии занон;

– ҷалби қувваи кории занон ба шаклҳои гуногуни корҳои хонагӣ. Ҳамагӣ мувофиқи Барнома тайи солҳои 2010-2011 54,7 ҳазор нафар занон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб карда мешаванд.

Нишондиҳандаҳои Барнома дар самти бо кор таъмин намудани бекорон, аз ҷумла шахсони дар бозори меҳнат осебпазир дар замимаҳои 4 ва 5 оварда шудаанд.

4.3) Барномаҳои мутобиқнамоӣ ба талаботи бозори меҳнат

Тавре ки дар боло зикр гашт, дар шароити ихтисос надоштани зиёда аз 80 фоизи бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ масъалаи тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии онҳо ба мадди аввал мебарояд. Дар робита ба ин ва имкониятҳои маҳдуди марказҳои таълимии мақомоти давлатии шуғли аҳоли дар ин самти Барнома татбиқи чорабиниҳои зерин дар назар аст:

– ҷалб намудани сармоягузориҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла хоричӣ барои рушди заминаҳои таълимии марказҳои таълимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;

– ба роҳ мондани омӯзиши мунтазами талаботи бозори меҳнат ба кадрҳои коргарӣ;

– таъмин ва назорати сифати натиҷаҳои барномаҳои таълимии касбомӯзӣ;

– таъмини рушди технологияи модулии таълими калонсолон;

– пешбурди корҳои маслиҳатӣ ва роҳнамоии касбӣ.

Дар доираи Барномаи мазкур ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифтани 17,4 ҳазор нафар шаҳрвандони корҷӯй, бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар назар аст.

4.4) Дастгирии рушди худиштиғолии бекорон ва корҳои хонагӣ

Дар шароити маҳдуди имконият ва иқтидори иқтисодиёти кишвар масъалаҳои оқилона ҷойгир намудани қувваи корӣ дар бозори меҳнати дохилӣ ва дастгирии худиштиғолии аҳолӣ тавассути расонидани кӯмаки молиявӣ дар намуди қарзҳои бефоиз ба шаҳрвандони бешуғл аҳамияти хоса пайдо мекунад. Вале мутаассифона, механизмҳои амалкунандаи ин самти сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар сатҳи кофӣ босамар ва шаффоф набуда, ҷараёни татбиқи онҳо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва фишангҳои самарабахши натиҷагирӣ аз ин самти фаъолиятро таҳозо менамояд.

Дар ҳамин радиф, амалӣ намудани чорабиниҳои зерин дар ин самти фаъолият мувофиқи мақсад аст:

- таҳияи меъёр ва андозаи воқеии қарзҳои бефоиз ҷиҳати таъмини шуғли устувор аз рӯи намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаи электронии махзани комили маълумот оид ба ин самти фаъолият;
- таъсиси марказҳои дастгирии худиштиғолӣ;
- пурра бо барномаҳои таълимии кӯтоҳмуддати соҳибкорӣ фаро гирифтани шахсони қарзгиранда;
- мониторинги мунтазами натиҷаҳои ниҳоии ин намуди фаъолият.

Бо мақсади дастгирии муҳоҷирони меҳнатии берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ сафаркунанда шакли нави қарз – "қарзи роҳкиро" ворид ва амалӣ карда мешавад.

Дар натиҷаи татбиқи чорабиниҳои барномаи мазкур зиёда аз 5,2 ҳазор нафар корҷӯён ба фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб мегарданд.

4.5) Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок

Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок яке аз роҳҳои ба шуғли муваққатӣ ҷалб намудани бекорон буда, моҳияти хосаро ҷиҳати паст намудани сатҳи бекорӣ дар бозори меҳнат дорост. Аммо, тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, шакли мавҷудаи татбиқи ин тадбир таҳия ва роҳандозии усулҳои босамарро тақозо менамояд. Дар ин самт пешбурди корҳои тадқиқоти ҷиҳати дарёфти шаклҳои натиҷабахши ташкили корҳои ҷамъиятӣ зарур аст. Корҳои ҷамъиятӣ бояд мувофиқи чорабиниҳои муштараки мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва кордиҳандагон тавассути таҳияи лоиҳаҳои хурд дар таъмиру барқарорсозии иншооту биноҳои соҳаи тандурустӣ, маориф, хизматрасонии иҷтимоӣ, сохтмони роҳҳо, рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ, корҳои коммуналӣ, обёрикунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ амалӣ карда шаванд.

Тавассути ташкили корҳои ҷамъиятии музднок 8,7 ҳазор нафар бекорон ба шуғли муваққатӣ ҷалб мегарданд.

4.6) Дастгирии иҷтимоии шаҳрвандон ҳангоми бекорӣ

Дастгирии молиявии шаҳрвандон ҳангоми бекорӣ тавассути таъин ва пардохти кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳамчун яке аз самтҳои ғайрифаъол ва муҳими сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ низ бо дарназардошти моҳияти иҷтимоии он бояд танзим гардад. Дар ин раванд ҷоннок намудани фаъолияти кумитаҳои ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва саҳми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо бо назардошти имкониятҳои

мавҷуда тақозои замон аст. Илова ба ин, таъмини назорат ва шаффофияти истифодаи маблағҳои ба ин мақсад ҷудогардида зарурати таҳия ва татбиқи ҳарчи тезтари барномаи электронии махзани комили маълумотро оид ба ин самти фаъолият ба миён меорад.

Дастгирии моддии шаҳрвандони бекор ба таври зайл сурат мегирад:

- пардохти кумакпулӣ ҳангоми бекорӣ (10,1 ҳазор нафар);
- пардохти маблағҳои иловагӣ дар асоси қарори Маҷлиси маҳаллии вакилони халқ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳар як нафар аъзои оилаи корношоями шаҳрванди бекор;
- расонидани ёрии моддӣ барои дафни шаҳрвандони расман мақоми бекорӣ дошта, ки кӯмакпулӣ барои бекорӣ мегирифтанд.

4.7) Дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ

Бо мақсади мусоидат намудан ба танзими ҷараёни муҳоҷирати муташаккилонаи бурунмарзии меҳнатӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин дар назар аст:

- ворид ва амалӣ намудани шакли нави қарз"қарзи роҳкиро" барои шаҳрвандоне, ки ҳамчун бекор дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар қайд буда, хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд;
- ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ ба касбомӯзӣ ва омӯзиши забони давлатҳои қабулкунандаи қувваи корӣ ва ҳуқуқи муҳоҷират тавассути курсҳои кӯтоҳмуддат барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ доранд;
- ташкил ва татбиқи механизми шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ;
- дастгирии фаъолияти КВД "Тоҷикхориҷакор";
- самаранок ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти давлатии шуғли аҳолии кишварҳо ва корфармоёни хориҷӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманд бо Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати интиқоли нерӯҳои корӣ ба хориҷи кишвар.

4.8) Такмили фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ

Такмили фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва таҳкими имкониятҳои ташкилию заминаҳои кадрии он бояд ба яке аз самтҳои муҳиму аввалиндараҷҷаи сиёсати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ табдил ёбад, зеро татбиқи босамари сиёсати давлатӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ки моҳияти иқтисодию иҷтимоӣ дорад, ба имкониятҳои ташкилию захираҳои кадрии ин мақомот зич алоқаманд аст. Дар иртибот ба ин, дар доираи барномаи

мазкур ба ҳалли масъалаҳои зерин диққати махсус дода мешавад:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" ва таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз он бармеоянд;
- таъмини мақомоти давлатии марказӣ ва маҳаллии шуғли аҳолӣ бо техникаи ҳозиразамони ташкилӣ, созмон додани шабакаи ягонаи таҳлилию иттилоотии ин мақомот тавассути таъсиси махзанҳо;
- ташаккул ва таҳкими системаи ҷамъоварӣ ва коркарди омори давлатӣ ва соҳавии бозори меҳнат;
- ташаккули махзани электронии маълумоти комил оид ба самтҳои имконпазири фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
- тавассути инвеститсияҳо мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва таълимии марказҳои таълимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сифати таълим ва азхудкунии касбу ҳунарҳо аз тарафи бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ;
- ҷорӣ намудани таҷрибаи мунтазам гузаронидани тадқиқотҳо оид ба нишондиҳандаҳои бозори меҳнат;
- ташаккули таҷрибаи таҳлил ва пешгӯии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳалӣ;
- гузаронидани курсҳои такмили ихтисос барои кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
- ташкил ва гузаронидани семинарҳо ва конференсияҳо;
- мунтазам гузаронидани мониторинги ҷараёни татбиқ ва натиҷаҳои чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ;
- омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар самти танзими бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ҷалби сармояҳои ватанию хориҷӣ барои рушди имкониятҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ.

5. Натиҷаҳои ниҳоии татбиқи чорабиниҳои Барнома дар солҳои 2010-2011

Дар назар аст, ки тавассути татбиқи чорабиниҳои Барнома дар давоми солҳои 2010-2011:

- дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҳисоби манбаъҳои гуногун 238,4 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис ва барқарор карда мешаванд;
- механизми нави ҷамъоварии маълумот оид ба таъсис ва барқарорсозии ҷойҳои корӣ ташаккул ва татбиқ карда мешавад;
- тадқиқот оид ба ҷойҳои корӣ ва мониторинги ҷараёни таъсиси ҷойҳои корӣ гузаронида мешаванд;

- дар ҷойҳои кории холии ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ пешниҳодгашта 48,8 ҳазор нафар корҷӯён бо кор таъмин мегарданд, аз ҷумла тавассути банд намудани ҷойҳои корӣ (квота) 4,6 ҳазор нафар шахсони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта бо кор таъмин карда мешаванд;

-10,1 ҳазор бекорон барои бекорӣ кӯмакпулӣ мегиранд;

- шумораи агентиҳои хусусии кадрӣ 30 фоиз зиёд мегардад, хафтаномаи махсус оид ба бозори меҳнат таъсис меёбад;

- беш аз 17,4 ҳазор нафар шаҳрвандони корҷӯ аз рӯи касбу ҳунарҳои мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат ба омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ фаро гирифта мешаванд;

- аз рӯи 28 ихтисосҳои мавриди талаботи бозори меҳнат заминаҳои таълимии ҳозиразамон ташаккул дода мешаванд;

- беш аз 80 нафар омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ бо курсҳои такмили ихтисос дар дохил ва хориҷи кишвар фаро гирифта мешаванд;

- беш аз 10 мултипликаторони миллии таълими модулӣ омода карда мешаванд;

- технологияи модулии таълим дар 80 фоизи муассисаҳои таълимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ татбиқ карда мешавад;

- заминаи электронии иттилоотии хатмкунандагони курсҳои кӯтоҳмуддати муассисаҳои таълимии мақомоти давлатин шуғли аҳолӣ таъсис дода мешавад;

- бо барномаи таълимии кӯтоҳмуддати соҳибкорӣ беш аз 10,0 ҳазор нафар бекорон фаро гирифта мешаванд;

- меъёрҳои воқеии шуғлнокии устуворро таъминкунанда чун андозаи қарзҳои бефоиз аз рӯи намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ таҳия ва татбиқ карда мешаванд;

- на кам аз 5,2 ҳазор бекорон тавассути додани қарзҳои хурди имтиёзнок ба худиштиғолӣ фаро гирифта мешаванд;

- беш аз 6,0 ҳазор муҳоҷирони меҳнатӣ қарзи роҳкиро мегиранд;

- механизми шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ таҳия ва татбиқ мегардад;

- 1 махзани махсус барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва кордиҳандагон ташкил карда мешавад;

- теъдоди муҳоҷирони меҳнатии тавассути КВД "Тоҷикхориҷакор" муташаккилона бо кор таъминшуда зиёд мегардад;

- барномаи электронии махзани комили маълумот оид ба қарзгирифтагон таъсис дода мешавад;

- 2 маркази дастгирии худиштиғолии таҷрибавӣ ташкил карда мешавад;

– зиёда аз 12,0 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатӣ бо курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забон ва ҳуқуқи муҳоҷират фаро гирифта мешаванд;

– тадқиқот оид ба дарёфти шакл ва соҳаҳои ташкили кори ҷамъиятӣ баргузор мегардад;

– ба корҳои ҷамъиятии музднок 8,7 ҳазор нафар шаҳрвандони бешуғл ҷалб карда мешаванд;

– ба 41,0 ҳазор нафар шаҳрвандон оид ба масъалаҳои шуғл хизматҳои маслиҳатӣ ва машвараті расонида мешаванд;

– ислоҳоти соҳаи роҳнамоии касбӣ оғоз ва татбиқ меёбад;

– тадқиқот оид ба тамоюли касбии аҳолӣ гузаронида мешавад;

– 4 дастурҳои методӣ ва 7 бюллетенҳои иттилоотӣ дар самти роҳнамоии касбӣ таҳия ва нашр мегарданд;

– 1 конференсияи ҷумҳуриявӣ оид ба роҳнамоии касбӣ баргузор мегардад;

– теъдоди кордиҳандагоне, ки ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ маълумотро оид ба ҷойҳои кории холии мавҷуда пешниҳод менамоянд, 2,5 маротиба зиёд мегардад;

– кумитаҳои маҳаллии ҳамоҳангсози мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар ҳама шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ таъсис дода мешаванд ва фаъолияти босамар мебаранд;

– махзанҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҷойҳои кории холӣ ташкил карда мешавад;

– беш аз 800 ярмаркаҳои калону хурди ҷойҳои кории холӣ гузаронида мешаванд;

– системаи ҷамъоварӣ ва коркарди омори давлатӣ ва соҳавии бозори меҳнат ташаккул меёбад;

– маҳзани электронии маълумот оид ба самтҳои имконпазири фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташаккул меёбад;

– 2 тадқиқот оид ба нишондиҳандаҳои бозори меҳнат гузаронида мешавад;

– нерӯи кадрии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ оид ба таҳлил ва пешгӯии нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳалӣ ташаккул меёбад;

– 4 курсҳои такмили ихтисос барои кормандони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронида мешаванд;

– мониторинги ҷараёни татбиқ ва натиҷаҳои чорабиниҳои барнома дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ гузаронида мешавад;

– 1 конференсияи ҷумҳуриявӣ оид ба танзими бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ гузаронида мешавад.

Дар натиҷаи иҷрои Барномаи мазкур сатҳи шуғлнокии аҳолии қобили меҳнат нисбат ба соли 2009 ба андозаи 0,8 фоиз зиёд мегардад.

Барнома имконият медиҳад, ки дар ин муддат 261,2 ҳазор нафар шаҳрвандон, аз ҷумла 93,5 ҳазор нафар бо

кӯмаки мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор ҷалб карда шаванд.

6. Татбиқи Барнома ва назорати иҷрои он

Маблағгузории чорабиниҳои Барнома аз ҳисоби бахши суғуртаи иҷтимоии буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷетҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ амалӣ мегардад.

Ҳаҷми умумии буҷети Барнома 41510,3 ҳаз. сомониро ташкил намуда, дар назар аст, ки аз он:

- 15330,0 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби бахши суғуртаи иҷтимоии буҷетӣ ҷумҳуриявӣ (замимаи 8);
- 1215,3 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби буҷетҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- 24965,0 ҳаз. сомонӣ аз ҳисоби дигар манбаъҳо (сармоягузорони ватанию хориҷӣ) маблағгузорӣ карда мешавад.

Матритсаи татбиқи чорабиниҳои Барнома дар замимаи 9 оварда шудааст.

Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати тағйирёбии ғайричашмдошти вазъияти бозори меҳнат маблағҳои пешбинигардидаро аз рӯи самтҳо ва чорабиниҳои Барнома қисман аз нав тақсим менамояд.

Ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои Барнома ҳар сол дар буҷети Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағҳо пешбинӣ карда мешаванд.

Масъулини таъмини иҷрои Барнома вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо мебошанд, ки ҷараёни иҷрои онро ҳар нимсола дар ҷаласаҳои ҷамъбастӣ баррасӣ намуда, аз натиҷаҳои он ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷамъбаст ва пешниҳоди минбаъда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот ирсол менамоянд.

Назорати иҷрои Барномаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ анҷом медиҳанд.

Замимаи 1

Тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои шуғли аҳолӣ ба бозори меҳнат

(ҳазор нафар)

р/т	Нишондиҳандаҳо	соли 2008 ҳисобот	соли 2009 баҳо	Пешгӯӣ	
				соли 2010	соли 2011
1	2	3	4	5	6
1.1	Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ	7294,2	7339,8	7491,9	7642,0
1.2	Захираҳои меҳнатӣ	4358,5	4371,6	4491,5	4608,2
1.3	Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол; аз онҳо:	2216,7	2227,2	2310,9	2391,4
	Дар иқтисодиёт расман машғулбуда	2168,0	2176,0	2254,0	2334,0
	Бекорони дар қайди мақомоти ваколатдори давлатӣ буда	48,7	51,2	56,9	57,4
1.4	Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол	2141,8	2144,4	2180,6	2216,8
	Аз онҳо хонандагони қобили меҳнат:	524,0	546,0	566,0	586,0
1.5	Захираҳои меҳнатии ба бозори меҳнат воридшаванда, ҳамагӣ:	1903,3	1892,7	1904,9	1942,5
1.5.1	Насли дохилшаванда:	279,1	287,6	283,4	304,7

	Аз ҳисоби:				
	-хатмкунандагони мактабҳои миёнаи умумӣ	145,3	146,4	149,2	152,0
	-хатмкунандагон бо маълумоти миёнаи нопурра	82,2	83,4	67,7	81,7
	-хатмкунадагони ОКТ (рӯзона)	12,0	14,7	16,8	18,5
	-хатмкунандагони олӣ	21,3	24,0	27,4	28,8
	-хатмкунандагони муассисаҳои миёнаи касбӣ	8,5	9,2	12,3	13,5
	-хизматчиёни аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ озодгашта	9,8	9,9	10,0	10,2
1.5.2	Шахсони аз маҳбас озодшуда	1,3	1,4	1,5	1,5
1.5.3	Коргарони ихтисоршуда	5,1	5,3	5,4	5,5
1.5.4	Аҳолии бешуғл (аз ҳисоби аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ Ғайрифаъол, аз сатри 4 ба ғайр аз хонандагони қобили меҳнат)	1617,8	1598,4	1614,6	1630,8
1.6	Тақсимоти аҳолии қобили меҳнати бешуғл, аз рӯи намудҳои гуногуни шуғл, Ҳамагӣ:	530,7	538,0	546,3	568,6
1.6.1	Мустақилона дар ҷойҳои кории холӣ ва таъсисёфта бо кор таъмин мешаванд	69,2	80,7	83,4	85,5
	Тараққӣ додани хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)	16,4	18,9	21,1	22,6

	Тараққӣ додани фаъолияти фардӣ ва соҳибкорӣ	52,8	61,8	62,3	62,9
1.6.2	Ба таҳсил машғул мешаванд	118,6	118,3	119,1	123,9
1.6.3	Ба сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ даъват мешаванд	12,8	12,9	12,9	13,4
1.6.4	Ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд	330,1	326,1	330,9	345,8
1.7	Аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ба шуғл ҷалб карда мешаванд. Ҳамагӣ:	42,7	42,3	41,5	43,2
1.7.1	Бокортаъминкунӣ, аз ҷумла:	27,1	27,3	28,7	29,9
	- дар ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда (вакансия),	23,1	23,7	24,0	24,8
	- аз ҳисоби таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ;	2,8	2,3	2,5	2,7
	- дар ҷойҳои кории квоташуда;	1,2	1,3	2,2	2,4
1.7.2	Сафарбаркунӣ ба касбомӯзӣ дар курсҳои кӯтоҳмуддат	8,1	8,4	8,5	8,8
1.7.3	Сафарбаркунӣ ба корҳои ҷамъиятии музднок (мавсимӣ)	7,5	6,6	4,3	4,5
1.8	Аҳолии боқимондаи бешуғли қобили меҳнат	1329,9	1312,4	1309,3	1320,9

1.9	Сатҳи расмии бекорӣ (бекорон сатри 3, бо %)	2,2	2,3	2,4	2,4
1.10	Сатҳи расмии шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ, бо %	49,7	49,8	50,2	50,6

Замимаи 2

Сохтори ташкилӣ ва соҳавии таъсиси ҷойҳои корӣ
дар солҳои 2010-2011

№ р/т	Номгӯи чорабиниҳо	Соли 2008 ҳисобот	Соли 2009 баҳо	Нишондиҳандаҳои дар солҳои 2010	2011
1	2	3	4	5	6
	Таъсиси ҷойҳои корӣ				
2	Ҳамагӣ таъсиси шумораи зерини ҷойҳои корӣ муайян карда мешавад	104114	95465	117296	121129
2.1	Аз ҷумла, аз рӯи шаклҳои моликият:				
	- дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ	22636	21377	15440	15170
	- бахши коллективӣ	14651	7878	9793	9881
	- дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият	29410	24551	17141	18751
	- дар бахши хусусӣ	37417	41659	74922	77327
2.2	дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ	104114	95465	117296	121129
	аз ҷумла:				

	саноат	10948	8434	13650	14022
	кишоварзӣ	13984	13602	17581	18200
	сохтмон	14293	13879	23935	26277
	нақлиёт ва алоқа	5269	4616	4325	4300
	савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ	31170	39149	37163	37277
	дигар соҳаҳо	17837	7532	13041	13084
	Соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ	10613	8253	7601	7969
3	Таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ аз ҳисоби маблағҳои ҳифзи иҷтимоӣ тавассути қарзҳои имтиёзнок	2827	2322	2505	2700

Замимаи 3

Сохтори ташкилӣ ва минтақавии таъсиси ҷойҳои корӣ
дар солҳои 2010-2011

(ҷои кор)

	Нишондиҳандаҳо	Дурнамо	
		Соли 2010	Соли 2011
3.1	Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият - ҳамагӣ (ҷойи корӣ)	117296	121129
	аз ҷумла:		
	- сохтмони нав	38685	41561
	- таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда	16873	18152
	- барқароркунии иқтидори корхонаҳои аз кор баромада	8624	7913
	Корҳои фардӣ	53114	53503
	- аз ҷумла корҳои хонагӣ	11957	12401
	Аз ҷумла, аз сатри 1 дар минтақаҳо:		
	Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон	7960	8010
	Вилояти Хатлон	35650	36620
	Вилояти Суғд	34175	34793
	шаҳри Душанбе	20600	20700
	Шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ	18911	21006

Замимаи 4

Мусоидат ба шуғли шаҳрвандон бо воситаи мақомоти ваколатдори давлатӣ дар маҳалҳо

№ р/т	Номгӯи чорабиниҳо	Соли 2008 ҳисобот	Соли 2009 баҳо	Нишондиҳандаҳои дар солҳои 2010	2011
1	2	3	4	5	6
4.1	Мусоидат намудан дар таъмиини бекорон бо ҷои кори доимӣ Ҳҳамагӣ:	25852	28378	28049	28907
	аз ҷумла: - аз ҳисоби ҷойҳои кории холии мавҷуда	23100	23783	22523	22891
	- муқаррар намудани теъдоди ҷойҳои бандкардашуда аз ҷониби корфармоён барои шахсоне, ки дар бозори меҳнат мисли дигарон рақобати баробар карда наметавонанд (квота)	1232	1263	2222	2364
	- дастгирии шахсони бекор дар инкишофи соҳибкорӣ тавассути қарздиҳии хурд	2827	2322	2505	2700
4.2	Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок	7488	6650	4285	4450
4.3	Сафарбаркунӣ ба омӯзиши касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон, бо кор таъминкунӣ бо воситаи таҷрибаомӯзии ҷавонон	8080	8400	8533	8830

4.4	Таъмини иҷтимоии шаҳрвандони бешуғл тавассути пардохти кӯмакпулӣ	3022	4886	4780	5280
4.5	Расонидани хизмати роҳнамоии касбӣ ба дастгирии равони (психологӣ)-и аҳолии корҷӯй	21082	18300	19900	21100

Замимаи 5

Гурӯҳи шаҳрвандоне, ки аз ҳисоби квота бо ҷойҳои корӣ таъмин карда мешаванд

	Пешгӯӣ (нафар)	
	Соли 2010	Соли 2011
Ҳамагӣ:	2222	2364
Маъюбон	636	648
Ятимони ноболиғ		
Шахсоне, ки аз сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, аз хизмати ҳарбӣ озод шудаанд	243	248
Шахсоне, ки аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод шудаанд	243	270
Волидони яккаву танҳо, инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва фарзандони маъюб доранд	971	1065
Волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболиғ доранд	32	32

Шахсони то синни 18-сола, ки бо сабаби вафоти волидонашон ва ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба ўҳда доранд	10	10
Шаҳрвандоне, ки барои аз рўи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст	4	4
Шаҳрвандони то синни 18-сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудаанд	83	87

Замимаи 6

Омўзиши касбӣ ва бозомўзонии аҳолии бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ

Чорабиниҳо	Ҳамагӣ	Соли 2010	Соли 2011
Ҳамагӣ	17363	8533	8830
Аз ҷумла: Вилояти Мухтори Кўҳистони Бадахшон	1500	750	750
вилояти Хатлон	4155	2047	2108
вилояти Суғд	4579	2256	2323
шаҳри Душанбе	3230	1610	1620
Шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ	3899	1870	2029

Замимаи 7

Ташкили корҳои ҷамиятии музднок

5.1 Дар соли 2010

Номгӯи чорабиниҳо	Иҷрокунандагон	Мӯҳлати иҷро	Иштирок намуданд (нафар)	Маблағгузории чорабиниҳо (ҳазор сомонӣ)		
				Аз ҳисоби мақомоти агентӣ	Аз ҳисоби кордиҳандагон	Ҳамагӣ
Ҳамагӣ:	Дар ҷумҳурӣ	2010	4285	450,0	514,2	964,2
Аз ҷумла:	Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон		605	63,5	72,6	136,1
	Вилояти Хатлон		1370	144,0	164,4	308,4
	Вилояти Суғд		975	102,4	117,0	219,4
	Шаҳри Душанбе		330	34,6	39,6	74,2
	Шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ		1005	105,5	120,6	226,1

5.2 Дар соли 2011

Номгӯи чорабиниҳо	Иҷрокунандагон	Мӯҳлати иҷро	Иштирок намуданд (нафар)	Маблағгузории чорабиниҳо (ҳазор сомонӣ)		
				Аз ҶҲисоби мақомоти агентӣ	Аз ҶҲисоби кордиҳандагон	ҲамагӢ
ҲамагӢ:	Дар ҷумҳурӢ	2011	4450	467,3	534,0	1001,3
Аз ҷумла:	Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон		650	68,2	78,0	146,2
	Вилояти Хатлон		1400	147,0	168,0	315,0
	Вилояти Суғд		1010	106,1	121,2	227,3
	Шаҳри Душанбе		340	35,7	40,8	76,5
	Шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ		1050	110,3	126,0	236,3

Замимаи 8

Маблағгузории Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2011

№	Номгӯи чорабиниҳо	Нишон-диҳан-даҳо, нафар с.2010	Ҳаҷми маблағгузорӣ (ҳаз.сом.) с.2010		Нишон-диҳан-даҳо, нафар с.2011	Ҳаҷми маблағгузорӣ (ҳаз.сом.) с.2011	
			Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа	Буҷетҳои маҳаллӣ ва дигар сарчашмаҳо		Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа	Буҷетҳои маҳаллӣ ва дигар сарчашмаҳо
1	2	3	4	5	6	7	8
1	Таъмини иҷтимоии шаҳрвандони бешуғл тавассути пардохти кӯмакпулӣ	4780	2 294,4	80,5	5280	2724,5	86,6
2	Ташкили корҳои ҷамъиятӣ	4285	450,0	514,2	4450	467,3	534,0
3	Сафарбаркунӣ ба омӯзиши касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон,аз ҷумла калонсолон, Ҳҳамагӣ:	8533	2431,9		8830	2516,5	
	Аз ҷумла: стипендия	8533	896,0		8830	927,2	

4	Дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ тавассути қарзҳои хурд, хамагӣ:	2505	1650,5		2700	1798,5	
5	Сиёсати шуғл	-	473,2			523,2	
	Ҳамагӣ:	X	7300,0	594,7	X	8030,0	620,6